# ҚАРОРИ
# ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# №11

**аз 22 декабри соли 2006** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо баррасӣ намудани парвандаҳои ҷиноятӣ оиди ғайриқонунӣ гузаштан аз Сарҳади давлатӣ ва вайрон кардани низоми Сарҳади давлатӣ**
***(бо тағйиротҳое, ки бо қарорҳои Пленум аз 23 июни соли 2010, №17 ва аз 23 ноябри соли 2012, №37 ворид карда шудаанд)***

Натиҷаи ҷамъбасти таҷрибаи аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидани парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба ғайриқонунӣ гузаштан аз Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вайрон кардани низоми Сарҳади давлатиро муҳокима намуда, дар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, -

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

Ба судҳо тавзеҳоти дастурии зерин дода шавад:

1. Бо дар назардошти хусусияту дараҷаи хавфнокии баланди ҷамъиятии ҷиноятҳои марбут ба ғайриқонунӣ гузаштан аз Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вайрон кардани низоми Сарҳади давлатӣ ба судҳо лозим аст, ки ҳангоми баррасии парвандаҳои категорияҳои мазкур таҳқиқи ҳаматарафаву дақиқи ҳолатҳои корро таъмин намуда, чораҳои ба қонун муқарраргардидаро барои муайян намудани ҷойҳо ва роҳҳои сарҳадшиканӣ, инчунин дигар сабабу шароитҳоеро, ки барои содиршавии ин ҷиноятҳо мусоидат намудаанд андешанд.

2. Дар вақти дида баромадани чунин парвандаҳо бояд ба ғайр аз меъёрҳои дахлдори Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандӣ» аз 4 ноябри соли 1995 таҳти №104, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Тоҷикистон» аз 1 феврали соли 1996 таҳти №231 ва «Дар бораи муҳоҷират» аз 14 декабри соли 1996 таҳти №343, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 1 августи соли 1997 таҳти №481, инчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезагон» аз 10 майи соли 2002 таҳти №50, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гузаргоҳҳои Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 29 апрели соли 2009 таҳти №278, Созишнома байни Ҷумҳурии Халқии Хитой оиди низоми бе раводид рафтуомади хизматӣ аз 9 марти соли 1993, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон оиди сафари тарафайни шаҳрвандон аз 16 майи соли 2000, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой оиди гузаргоҳҳои сарҳадии Тоҷикистону-Хитой ва низоми кори онҳо аз 22 сентябри соли 2003, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон оиди гузаргоҳҳо ба воситаи Сарҳади Тоҷикистону Қирғизистон аз 26 майи соли 2004, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон оид ба гузаргоҳҳо ба воситаи Сарҳади давлатӣ аз 27 апрели соли 2005 низ аҳамият дода шавад, зеро дар ин санадҳои меъёри ҳуқуқӣ мафҳуми Сарҳади давлатӣ ва низоми Сарҳади давлатии Тоҷикистон ва тартиби гузаштан аз он, ҳолати ҳуқуқии гурезае, ки аз сарҳад гузаштааст, пешбинӣ шудаанд

3. Таҳти мафҳуми Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҳат ва сатҳи амудии аз ин

ҳат гузарандаест, ки ҳудуди қаламрави давлатии (хушкӣ, обҳо, қаъри замин ва фазой ҳавоии) Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне ҳадди фазоии амали соҳибихтиёрии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд, фаҳмида мешавад.

Гузаштан аз Сарҳади давлатӣ ба воситаи ҷойҳои махсус бо ин мақсад ҷудокардашуда, ки бо аҳдномаи байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст ва нисбати давлатҳое, ки бо онҳо муносибатҳои раводидӣ муқаррар карда шудааст, аз рӯи раводид, ба амал бароварда мешавад.

Ҷинояти ғайриқонунӣ гузаштан аз Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро (моддаи 335 КҶ) бидуни ҳуҷҷати муайяншуда ва иҷозати зарурӣ аз нуқтаҳои гузаргоҳи Сарҳади давлатӣ ё берун аз ин нуқтаҳо убур намудани Сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо ин восита аз ҳудуди ҷумҳурӣ баромадан ё ба ҷумҳурӣ ворид шудан, ташкил мекунад.

Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки гузаштан аз Сарҳади давлатӣ бидуни гузаргоҳҳои муқарраршуда бо давлатҳое, ки муносибатҳои раводидӣ муқаррар карда шудааст, сарфи назар аз ҳуҷҷатҳои муайяншудаи зарурии иҷозати гузаштан аз Сарҳад таркиби ҷинояти ғайриқонунӣ гузаштан аз Сарҳади давлатиро ташкил медиҳад.

4. Барои ба таври қонунӣ гузаштан аз Сарҳади давлатӣ ҳуҷҷатҳои муайяншудаи шахсият аз қобили шиноснома (дипломатӣ, хизматӣ, умумишарҳвандии хориҷӣ ва дохилӣ), шаҳодатномаи таваллуд (барои ноболиғони то 16 сола), шаҳодатномаи аъзои ҳайати идоракунии киштиҳои ҳавоӣ (ҳангоми дар ҳайати идоракунӣ ҳаракат кардан), шаҳодатномаи корманди хадамоти байниҳукуматӣ фелдъегерӣ ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки дар созишномаҳои байниҳукуматӣ пешбинӣ шудааад, зарур мебошад.

Бинобар ҳамин судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки таҳти мафҳуми бидуни ҳуҷҷати муайяншуда бояд шиноснома инчунин ҳама гуна дигар ҳуҷҷатхое, ки бо онҳо тартиби махсуси гузаштани Сарҳади давлатӣ аз ҷониби ашхоси категоряҳои муайян (экстрадитсияи шахсони ҷиноят содирнамуда) пешбинӣ шудаасту сохтакорӣ карда шудаанд (ба таври пурра ва ё қисман), ба номи дигар кас дода шудаанд, аз эътибор соқит шудаанд (мӯҳлаташон гузаштааст ва бо дигар роҳҳо нодуруст ба расмият дароварда шудаанд) фаҳмида шавад.

5. Таҳти маҳфуми бе иҷозати зарурӣ гузаштани Сарҳади давлатӣ бояд ҳама гуна гузаштани Сарҳади давлатӣ бе иҷозати ҳатмии мақомоти ваколатдор, ки бо қонун ё дигар санадҳои меъёрӣ муқаррар гардидааст, ба давлати хориҷие, ки муносибатҳои раводидӣ муқаррар карда шудааст, фаҳмида мешавад.

6. Ҷинояти ғайриқонунӣ гузаштан аз Сарҳади давлатӣ аз лаҳзаи амалан ғайриқонунӣ убур кардани хати Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз тарзҳои гузаштан (пиёда, аз дарё гузаштан, бо роҳҳои ҳавоӣ, бо истифодаи воситаи нақлиёт ва ғайра), ҳотимаёфта диниста мешавад.

Дар сурати бо сабабҳои аз гунаҳгор вобастанабуда амалӣ нагардидани мақсадаш оиди ғайриқонунӣ гузаштан аз Сарҳади давлатӣ, кирдори ӯ ҳамчун суиқасд барои ин ҷиноят бандубаст карда мешавад.

7. Ҷинояти мазкур бо аломатҳои бандубасткунандаи бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи ашҳос ё гурӯҳи муташаккил дар сурате бандубаст карда мешаванд, ки ҳангоми содир намудани ҷиноят асосҳои дар қисмҳои 2 ва 3-и моддаи 39 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида ҷой дошта бошанд.

Ҳангоми аз ҷониби гунаҳгор бо мақсади ғайриқонунӣ гузаштан аз Сарҳади давлатӣ содир намудани зуроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнокнабуда ё зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок кирдори ӯ аломати бандубасткунандаи истифодаи зӯровариро дар бар мегирад.

Истифодаи зӯроварӣ ҳангоми ғайриқонунӣ гузаштан аз Сарҳади давлатӣ, ки дар натиҷаи он ба саломатии ҷабрдида қасдан зарари сабук ё миёна расонида шудааст, таркиби ҷинояти сарҳадшиканиро дар бар гирифта, бо моддаҳои 112 ё 111 КҶ Ҷумхурии Тоҷикистон банду басти иловагиро талаб намекунад. Дар мавриди қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ҳангоми ғайриқонунӣ гузаштан аз Сарҳади давлатӣ, кирдори содиргардида аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо (м. 110 қ. 2 ё 3 ва қ. 2 м. 335 КҶ) бандубаст карда мешавад.

Агар ҳангоми ғайриқонунӣ гузаштан аз Сарҳади давлатӣ нисбати ҷабрдида маҷбуран

маҳдуд кардани озодӣ истифода шуда бошад, масъалаи эътироф кардани дар ҳаракатҳои шахс ҷой доштани истифодаи зӯроварӣ ҳангоми ғайриқонунӣ гузаштан аз Сарҳади давлатӣ бояд бо назардошти хусусият ва дараҷаи хавфнокии ин ҳаракатҳо ба ҳаёт ва саломатии ҷабрдида, ҳамчунин оқибатҳое, ки ба амал омадаанд ё мумкин буд ба амал оянд (масалан, дар бино ё ҷои дигар маҳкам кардани ҷабрдидаи басташуда, маҳрум сохтани ӯ аз имконияти барои ёрӣ муроҷиат кардан), ҳал карда шавад.

Таҳти мафҳуми таҳдиди зӯроварӣ ҳангоми ғайриқонунӣ гузаштан аз Сарҳади давлатӣ таҳдиди маҳдуд кардани озодии шахс, расонидани зарари ҷисмонӣ, расонидани зарар ба саломатӣ ва ҳаёт ва ғайра мафҳумида шавад.

Дар мавридҳое, ки ғайриқонунӣ гузаштан аз Сарҳади давлатӣ бо таҳдиди истифодаи зӯроварие, ки хусусияти номуайян дорад, алоқаманд аст, масъалаи эътироф кардани дар ҳаракатҳои шахс ҷой доштани ғайриқонунӣ гузаштан аз Сарҳади давлатӣ бояд бо дарназардошти ҳамаи ҳолатҳои кор: ҷой ва вақти содир кардани ҷиноят, шумораи ҷинояткорон, хусусияти олотҳое, ки бо онҳо ба ҷабрдида таҳдид карда шудааст, аз ҷиҳати субъективӣ қабул кардани таҳдид, содир кардани ягон намуди ҳаракатҳои намоишкоронаи мушаххас, ки дар бораи нияти истифода намудани зӯроварии ҷисмонии ҷинояткорон шаҳодат медиҳанд ва ғайра ҳал карда шавад.

Инчунин, агар ҳодисаи ғайриқонунӣ гузаштан аз Сарҳади давлатӣ ва вайрон кардани низоми Сарҳади давлатӣ бо маҷмӯи дигар ҷиноятҳо аз қабили одамкушӣ, одамрабоӣ, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ бо мақсади ба соҳибияти каси дигар додан, муносибати ғайриқонунӣ бо воситаҳои нашъадор ё моддаҳои психотропӣ, соҳибкории ғайриқонунӣ, қочоқ, хиёнат ба давлат, даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷосусӣ ва ё дигар ҷиноятҳо содир шуда бошад, ҳаракатҳои гунаҳгор бо маҷмӯи моддаҳои 335 ва 104, 130, 200, 201, 259, 289, 305, 307, 308 ва моддаҳои дахлдори КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки кирдори гунаҳгорро дар бар мегиранд, бандубаст карда мешавад.

8. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мувофиқи эзоҳи моддаи 335 КҶ муқарраротн пешбининамудаи ҳамин модда ба ҳолатҳои аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ ва шахси бешаҳрвандӣ бидуни ҳуҷҷат ё иҷозатномаи муқарраршуда, бо мақсади паноҳгоҳи сиёсӣ, истифодаи ҳуқуқи гуреза мутобиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезагон» аз 10 майи соли 2002 барои гирифтани мақоми гуреза ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гаштаанд, паҳн намегардад.

Тибқи моддаи 9-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ноилоҷ аз Сарҳади давлатӣ гузаштани шахс, ки дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулода - фалокат, садама, офати табиӣ, бурда расонидани одамони наҷотдодашуда, расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ ба аъзои экипаж ва мусофирон, ҳамчунин бо дигар сабабҳо ноилоҷ рӯй додаанд, вайрон кардани қоидаҳои убури Сарҳади давлатиро ташкил намедиҳанд.

9. Диққати судҳо, судяҳо ва мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ба он ҷалб карда шаванд, ки таҳти маҳфуми ташкили воридшавии ғайриқонунии шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ташкили гузариши транзитии ғайриқонунии чунин шахсон ба воситаи марзи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи $335^{1-и}$ КҶ) кирдоре фаҳмида мешавад, ки ба муқобили таъмини иҷроиши тартиби муқарраршудаи воридшавӣ ва баромадани шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд ба воситаи марзи ҷумҳурӣ, бидуни ҳуҷҷат ва ё иҷозатномаи муқарраршуда, ташкили ғайриқонунии воридшавӣ ва убури сарҳади давлатӣ аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ ва бешаҳрвандӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд кирдор ва маҷмӯи ҳаракатҳое, ки имконияти дохилшавиро мусоидат менамоянд (аз ҷумла, ба таври сохтакорӣ тайёр кардани раводид ба ҷумҳурӣ, бе гузаштани назорати тиббӣ ва ғайраҳо) фаҳмида шавад.

Ташкили гузариши ғайриқонунии транзитӣ ба воситаи марзи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ ва бешаҳрвандӣ ин ҳаракати характери ташкилӣ дошта баҳри таъмини ғайриқонунии гузариши ҳамин шахсон ба воситаи ҳудуди ҷумҳурӣ ба дигар давлат (мисол, транзит бидуни мавҷуд будани раводиди транзити тоҷикӣ, раводид барои воридшавӣ ва баромадан ба давлати ҳамсарҳад бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар) ҳисобида мешавад.

Тибқи талаботи моддаи 14-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандӣ» шаҳрванди хориҷӣ шахсе, ки шаҳрванди давлати хориҷӣ аст ва шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро надорад ва инчунин, шахси бешаҳрванд шахсе, ки шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон нест ва далелҳои мавҷудияти шаҳрвандии давлати дигарро надорад, фаҳмида мешавад.

Объекти ҷинояти мазкурро вайрон кардани низоми сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Тарафи объективии ин ҷиноят дар шакли ҳаракатҳои зерин содир мегардад:

-ташкили воридшавии ғайриқонунии шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд ба Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-ташкили гузариши транзитии ғайриқонунӣ ба воситаи марзи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Тарафи субъективии ин ҷиноят бо қасди бевосита ифода меёбад, яъне гунаҳгор дарк мекунад, ки воридшавии шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрванд ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ташкили гузариши транзитии онҳо ба воситаи марзи ҷумҳурӣ ғайриқонунӣ аст ва хоҳони фаро расидани оқибатҳои он мебошад.

Субъекти ин ҷиноят умумӣ буда, ба сифати субъекти ин ҷиноят шахси мукаллафи ба синни 16- сола расида муқаррар шудааст.

Қисми 2-и ин модда ҷавобгарии ҷиноятиро барои содир намудани ин ҷиноят дар ҳолатҳои зерин пешбинӣ мекунад:

а) такроран;

б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё гурӯҳи муташаккил;

в) бо расонидани зарари ҷиддӣ ба шаҳрванд;

г) бо истифодаи мақоми хизматӣ;

д) бо мақсади машғул шудан бо фаъолияти ғайриқонунӣ содир шуда бошад.

Моддаи $335^{1\text{-и}}$ КҶ хусусияти ҳаволадиҳанда (бланкетӣ) дорад.

Ба мақомоти таъқиби ҷиноят, суд, судяҳо зарур аст муайян намоянд, ки Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандӣ» аз 4 ноябри соли 1995 таҳти №104, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 1 феврали соли 1996 таҳти №231 ва «Дар бораи муҳоҷират» аз 14 декабри соли 1996 таҳти №343, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 1 августи соли 1997 таҳти №481, инчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезагон» аз 10 майи соли 2002 таҳти №50, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гузаргоҳҳои Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 29 апрели соли 2009 таҳти №278, Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой оиди низоми бе раводид рафтуомади хизматӣ аз 9 марти соли 1993, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон оиди сафари тарафайни шаҳрвандон аз 16 майи соли 2000, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Хитой оиди гузаргоҳҳои сарҳадии Тоҷикистону-Хитой ва низоми кори онҳо аз 22 сентябри соли 2003, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон оиди гузаргоҳҳо ба воситаи Сарҳади Тоҷикистону Қирғизистон аз 26 майи соли 2004, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон оид ба гузаргоҳҳо ба воситаи Сарҳади давлатӣ аз 27 апрели соли 2005 ва дигар қонунҳои ҷумҳурӣ вайрон карда шудаанд ё не?

10. Судҳо бояд ба инобат гиранд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ бо моддаи 336 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати аз ҷониби шахс содир кардани кирдорҳои зерин:

а) вайрон кардани низоми Сарҳади давлатӣ;

б) вайрон кардани низоми сарҳадӣ;

в) вайрон кардани низоми гузаргоҳи Сарҳади давлатӣ, ба амал меояд.

Ин ҳаракатҳо дар давоми сол пас аз додани ҷазои маъмурӣ барои ҳамин гуна вайронкуниҳо содир шуда бошад, ба миён омада, аз лаҳзаи вайрон кардан низоми Сарҳади давлатӣ хотимаёфта эътироф мешавад.

Низоми Сарҳади давлатӣ коидаҳои зеринро дар бар мегирад:

а) нигаҳдории Сарҳади давлатӣ;

б) аз Сарҳади давлатӣ гузаштани шахс ва воситаҳои наклиёт;

в) ба воситаи Сарҳади давлатӣ интиқол намудани борҳо, молҳо ва ҳайвонот;

г) аз Сарҳади давлатӣ гузарондани шахс, воситаҳои наклиёт, борҳо, молҳо ва ҳайвонот;

д) пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ, шикор ва дигар фаъолият дар Сарҳади давлатӣ ё дар наздикии он дар қаламрави Ҷумхурии Тоҷикистон;

е) якҷоя бо давлатҳои хориҷӣ ҳаллу фасл кардани ҳодисаҳое, ки бо вайрон намудани қоидаҳои мазкур вобастаанд.

Низоми сарҳадӣ аз қоидаҳои зерин иборат аст:

а) дохил шудан (гузаштан), будубоши муваққатӣ, ҳаракати шахс ва воситаҳои нақлиёт дар минтақаҳои сарҳадӣ;

б) фаъолияти хоҷагидорӣ, шикор ва фаъолияти дигар, гузаронидани чорабиниҳои омавии ҷамъиятию сиёсӣ, фарҳангӣ ва дигар чорабиниҳо дар минтақаи сарҳадӣ;

в) шикор кардан, машғул шудан ба фаъолияти таҳқиқотӣ, ҷустуҷӯй ва фаъолияти дигар дар қисми тоҷикистонии оби дарёҳо, кулҳо ва дигар обанборҳои сарҳадӣ.

Таҳти мафҳуми гузаргоҳҳои низоми Сарҳади давлатӣ, қоидаҳои дохил шудан ба ин гузаргоҳҳо, будубош ва баромадан аз онҳо барои шахс, воситаҳои наклиёт, даровардан ба гузаргоҳҳо, қарор доштан ва баровардани борҳо, молҳо ва ҳайвонот фаҳмида мешавад.

Ба судҳо дастур дода шавад, ки барои дуруст татбиқ намудани моддаи 336 КҶ аз қоидаҳои дар моддаҳои 7-16, 17-23 ва 24-28-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 1 августи соли 1997 пешбинигардида, истифода кардан мумкин аст.

11.Субъекти ҷиноятҳои ғайриқонунӣ гузаштан аз Сарҳади давлатӣ ва вайрон кардани низоми Сарҳади давлатӣ шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахси бешаҳрвандӣ, ки мукаллаф буда, ба синни 16-солагӣ расидаанд, шуда метавонанд.

12. Ҷиноятҳои ғайриқонунӣ гузаштан аз Сарҳади давлатӣ ва вайрон кардани низоми Сарҳадӣ бо қасди бевосита содир мегардад.

13. Бо дарназардошти он, ки тибқи Созишномаи байни Ҳукуматҳои Ҷумхуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон шаҳрвандоне, ки ба таври доимӣ дар ноҳияҳои ҳамсарҳад истикомат мекунанд, ба ноҳияҳои ҳамсарҳади якдигар бе раводид ба мӯҳлати на зиёда аз 5 шабонарӯз рафтуомад карда метавонанд, аз мӯҳлати пешбинигардида зиёд будани шахс дар асоси раводид ба амал бароварда мешавад. Дар сурати иҷро нагардидани талаботи мазкур кирдори шахс ҷинояти дар моддаи 336 КҶ Ҷумхурии Тоҷикистон пешбинишударо дар бар мегирад.

Ҳамчунин, дар ҳолати аз ҷониби шахсе, ки тибқи Созишномаи дар боло номбаршуда ҳуқуқи бе раводид дар ноҳияи ҳамсарҳад буданро дорад, гузаштан ба ноҳияҳое, ки дар Созишнома нишон дода нашудаанд, чунин кирдор ҷинояти моддаи 336 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад.

14. Судҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба ғайриқонунӣ гузаштан аз Сарҳади давлатӣ ва вайрон кардани низоми Сарҳади давлатӣ, ки дар маҷмӯъ бо ҷиноятҳои ҷосусӣ, хиёнат ба давлат ва ифшои сирри давлатӣ содир гардидаанд, бо дарназардошти қ. 1 моддаи 273 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷдисҳои пӯшидаи судӣ баррасӣ мегарданд.

15. Ба судҳо лозим аст, ки бо ҳар як парвандаи марбут ба ғайриқонунӣ гузаштан аз Сарҳади давлатӣ ва вайрон кардани низоми Сарҳади давлатӣ сабаб ва шароитҳоеро, ки ба содир гардидани ҷиноят мусоидат намудаанд, муайян намоянд ва ба норасогиҳои дар кори пешгирии ҷиноятҳо ошкоршуда, ба хатогиҳои ҳангоми пешбурди тафтишоти пешакӣ роҳ додашуда мутобиқи моддаи 35 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо баровардани таъинотҳои (қарорҳои) хусусӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, иҷроиши онро назорат кунанд.

16. Ба судҳо зарур аст, ки таҷрибаи баррасии парвандаҳои категорияҳои дар боло зикршударо мунтазам омӯхта, ҷамъбаст намоянд ва дар ҳолати ҷой доштани асосҳо ба ташкилотҳои дахлдор ва шахсони мансабдор барои чора андешидан оиди пешгирӣ намудани ин

ҷиноятҳо пешниҳодномаҳо ирсол намоянд.

17. Ба судҳои зинаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ зарур аст, ки назорати лозимаро дар бобати аз тарафи судҳои зинаи якум баррасӣ намудани ҷиноятҳои марбут ба ғайриқонунӣ гузаштан аз Сарҳади давлатӣ ва вайрон кардани низоми Сарҳади давлатиро таъмин намоянд.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н.Абдуллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М.Саидов**